«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон д.и.х., профессор
Насриддинзода Э.С. ________
«29» __________ 2024

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат) дар кафедраи «Менеҷмент ва маркетинг» ва «Идоракунии захираҳои инсонӣ» -и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович докторанти (PhD), докторанти кафедраи менеҷмент ва маркетинг ба шумор мерафт.

Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович, соли 2014 дараҷаи бакалаври факултети муҳандисӣ – технологии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, соли 2016 зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “Технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт” ва соли 2019 докторантураи доктор (PhD)-ро аз рӯйи ихтисоси 6D050700-менеҷмент (6D050701-менеҷмент)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хатм намудааст.

Тибқи нақшаи таълимӣ докторанти PhD Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович 120 кредитро аз худ намуда, имтиҳони маҷмуиро бо баҳои аъло супоридааст, ки маҷмуан оид ба натиҷаи санҷишу имтиҳонҳо маълумотномаи академӣ (транскрипт)-ро аз 17-уми январи соли 2024 таҳти №95 пешниҳод намудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонов А.К. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901- Иқтисодиёти меҳнат) дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба проблемаҳои актуалии муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва

вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Ҳолати муосири рушди иқтисодиёти миллӣ нишон медиҳад, ки яке аз зуҳуроти асосӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи имрӯза ин таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Вобаста ба ин, такмилдиҳии сиёсати кадрӣ, инчунин дигаргунсозии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз самтҳои афзалиятноки баландбардории самаранокии идоракунии соҳа дар маҷмуъ мебошад. Дар хотир бояд дошт, ки раванди мотиватсионии кадрӣ таҳти таъсири омилҳои соҳавӣ ва мушахассиси маҳаллӣ хусусан дар соҳаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, ташаккулёбӣ ва рушди сиёсати кадрӣ ва мукаммалгардонии механизми мотиватсионӣ, бояд бо назардошти мавҷудияти хусусиятҳои хоси механизмҳои мотиватсионии кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда шавад.

Маълум аст, ки соҳаи маориф ин соҳаи махсусан муҳими иҷтимоӣ буда, дар маркази таваҷҷуҳи Сарвари давлат қарор дорад ва ҳама сола зиёда аз 6,5% -и буҷети давлатӣ ба ин соҳа равона карда мешавад. Инчунин мунтазам музди меҳнати кормандони соҳаи маориф аз 15 то 20% зиёд карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки мушкилоти баланбардории самаранокии идоракунии захираҳои инсонӣ ва ҳавасмандгардонии кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосири бухрони молиявӣ хусусияти хело ҳам муҳимро ба худ касб намудааст. Аз ин хотир, паст гардидани даромадҳо, зиёд шудани талаботҳои истеъмолӣ, маҳдудиятҳои молиявии рушди иқтисодиёт ва дигар шароитҳои номувофиқи давраи муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, таъсиррасонии омилҳои манфӣ ба фаъолияти самараноки низоми идоракунии кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ин ва дигар масъалаҳо барои омӯзиши чуқури ин мавзуи таҳқиқшаванда мусоидат менамояд.

Дар ин замина дигаргунсозии механизмҳои мотиватсионӣ яке аз самтҳои натиҷаовари рушди сиёсати кадрии соҳаи маориф баҳисоб рафта, имконият медиҳад, ки нишондиҳандаҳои мусбии фаъолияти муассисаҳо бе хароҷотҳои назарраси захираҳои маҳдуди молиявӣ беҳтар гардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз нуқтаи назари инсондӯстӣ дар идоракунӣ ҳамроҳи намуда, дар афзоиши аҳамияти омили инсонӣ барои расидан ба ҳадафҳои муассиса, инчунин дар тағйир додани афзалиятҳои ин ҳадафҳо худро зоҳир менамояд. Вобаста ба ин дар мадди аввал ҳадафҳои ғайримолиявӣ дохил мешаванд, ки ба ташаккули иқтидори рақобатпазирӣ ва инчунин фаъолияти дарозмудати устувори муассисаҳо мусоидат менамоянд. Ҳавасмандӣ барои ноил гаштан ба ҳадафҳои ғайримолиявӣ ва баъдан онро бо мукофотҳои моддӣ пайвастан дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ такмили механизми мотиватсионии онро талаб мекунад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, метавон қайд намуд, ки таҳия ва рушди сиёсати кадрӣ ва низоми идоракунии захираҳои инсонӣ дар соҳаи маориф, бо назардошти афзалиятҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои ғайримолиявии муассисаҳо дорои аҳамияти баланди амалӣ ва назариявӣ мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот барои татбиқи Барномаҳои давлатӣ оид ба мусоидат ба рушди соҳаи маориф, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аҳамияти хоса дорад. Инчунин натиҷаҳои диссертатсия барои дар амал татбиқ намудани Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 равона карда мешавад.

**Мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсия омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии такмили механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, арзёбии вазъи муосири иқтидори захираҳои кадрии муассисаҳо ва самаранок истифодабарии онҳо барои рушди устувори иқтисодӣ миллӣ ва ҳавасмандгардонии иҷтимоии кормандони соҳа ва солимгардонии он ба шумор меравад. Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар диссертатсия чунин вазифаҳо гузошта шудааст:

- омӯзиши назарияҳои консептуалии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- муайян намудани хусусиятҳои хоси механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ;
- таҳлили муқосавии иқтидори кадрии соҳаи маориф ва низоми мавҷуд будаи механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- таҳқиқ ва муайян намудани таъсири омилҳои алоҳида ба мотиватсия в ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, раванди молиякунонӣ ва пардохти музди меҳнат;
- омӯзиши таҷрибаи хориҷии механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо мақсади истифодаи таҷрибаи пешқадами онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- такмили таҳияи низоми чораҳо оид ба механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

**Объекти таҳқиқот** раванди ташаккул ва истифодаи механизмҳои мотиватсионӣ ва такмили он дар таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи таҳқиқот** низоми муносибатҳои иқтисодие, ки дар раванди амалисозии механизми мотиватсионӣ ва такмили он дар муассисаҳои

таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти шаклҳои гуногуни ҳавасмандгардонии кормандони онҳо, инчунин дигар омилҳои ба механизми мотиватсионии низоми кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсиррасонанда дар шароити муосир мебошад.

**Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Бо мақсади такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ҳолати муассири он дар шароити муосир муайян кардани хусусиятҳои он бо омилҳои ба он таъсиркунанда бо пешниҳоди баъзе аз ҷиҳатҳои нави баҳодиҳии ҳолати омодабинии он бо истифода аз усулҳои илми абстрактӣ ва диалектӣ-иқтисодӣ дар шароити муфид дониста мешавад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқот.** Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот татбиқи мушаххаси назария ва методологияи дарки илмии предмети таҳқиқот мебошад. Диссертатсия ба асарҳои олимони классик ва муосири илми иқтисодӣ, корҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватании соҳаи иқтисодиёт, инчунин дигар маълумотҳои расмии чоп гардида, ки ҷанбаҳои такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадриро ба худ таҷассум мекунанд асос ёфтааст. Барои ноил гардидан ба ҳадаф ва вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошта шудаанд, усулҳои муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили оморӣ, риёзию иқтисодӣ ва дигар усулҳои таҳқиқот истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ аз ҷумла, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар муайян намудани самтҳои такмили механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар марҳилаи муосир, таҳлилу арзёбии тамоюли вазъи муосири ҳавасмандгардонии меҳнат ва иқтидори кадрии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва такмили механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми худро гузошта, хулоса ва тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст.

**Сарчашмаи маълумоти таҳқиқотро** таълифоти мухталиф, аз ҷумла асарҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ дар соҳаи механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ ва ҳавасмандгардонии меҳнат, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ соҳаи маориф, Фармону дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳо ва омори нашрнамудаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ҳисоботҳои баъзе муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил кардаанд. Дар раванди таҳияи кори диссертатсионӣ манбаъҳои электронии интернетӣ, арзёбии экспертии муаллиф, ва дигар манбаҳо ба таври фарох ва бо назардошти саҳеҳияти махзанҳо истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи милии Тоҷикистон та□ия шуда, давраи иҷрои он солҳои 2017- 2024-ро дар бар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

- асосҳои илмию назариявии мафҳуми мотиватсияи таъминоти кадрӣ бо назардошти консепсияи муосири мавҷуда дар заминаи мактабҳои гуногуни илми иқтисодӣ таҳқиқ гардида, мафҳуми ин категорияи иқтисодӣ дар фарқият аз дигар назарияҳои мавҷуда аз тарафи муаллиф пешниҳод карда шудааст. Мотиватсия – ин ҳаракат ва рафтори одамон мебошад, ки ҳангоми амалӣ кардани рафтори мақсаднок бо меҳнати мушаххас ва абстрактӣ дар заминаи қобилияти зеҳнӣ ва амали намудани тартиби иҷрои он ифода мегардад ва ба хусусияти хос ва аслии рафтори корманд, шахси фаъолияткунанда дахл дорад;
- хусусиятҳои хоси механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ муайян карда шуда, фарқияти он аз низоми иқтисоди нақшавӣ асоснок карда шудааст. Механизми мотиватсионӣ дар системаи муносибатҳои бозорӣ аз низоми иқтисоди нақшавӣ фарқ менамояд, чунки дар низоми иқтисоди бозорӣ мотиватсия дар баробари ҳама гуна ҳаракатҳо боз ҳаракати истифода намудани технологияи инноватсионӣ-коммуникатсиониро барои ноил гаштан ба мақсади муайян пешбинӣ менамояд;
- дар асоси таҳлили муқосавии иқтидори кадрии соҳаи маориф ва низоми мавҷудаи механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод шудааст, ки фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ ва амали намудани механизмҳои муосири мотиватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ба баланд гаштани самаранокӣ ва ҳавасмандии кормандон таъсири судманд мерасонад, инчунин ба ҷалби мутахассисони ҷавони болаёқат ва баландихтисос мусоидат мекунад, нақши муҳим дорад.
- дар асоси таҳқиқ ва муайян намудани таъсири омилҳои алоҳида ба мотиватсия в ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, пешниҳод гардидааст, ки ду омили асосӣ барои муайян намудани самаранокии кор мусоидат менамояд, ки ин ҳавасмандгардонии моддӣ (музди меҳнат, мукофотҳои пулию молӣ) ва маънавӣ (муносибати одилона ва қадрдонии заҳмати корманд). Яъне мотиватсия дар ҳолате, самаранок ҳисобида мешавад, агар корманд дарк кунад, ки ҳавасмандкунӣ нисбати ӯ махз барои кӯшишҳои муайяни ӯ пешбинӣ карда шудааст;
- таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ вобаста ба такмилдиҳии механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, роҳҳои амалии истифодаи дастовардҳои пешқадами онҳо дар ҷумҳурӣ асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

- дар заминаи такмили чораҳо оид ба механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, пешниҳод гардидааст, ки муассиса□ои та□силоти олии касб□ дар низоми иқтисоди бозорӣ метавонанд стратегияҳои такмили механизми мативатсионии таъминоти кадриро таҳия ва таҳрезӣ намуда, ба рушди тамоми бахшҳо ва падидаҳои марбути соҳа, инчуни ба такмили ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавӣ бо назардошти як чанд ҷараёнҳо мусоидат намоянд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот бадастомада илман асоснок карда шудаанд ва имкон медиҳанд таносуби захираҳои меҳнатӣ ва музди меҳнат дар танзими муносибатҳои меҳнатии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат кунанд, инчунин дар муносибатҳои мураккаби идоракунӣ қарорҳои оптималӣ қабул карда шаванд. Натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот бадастомада, метавонанд замина барои таҳқиқоти оянда оид ба такмили механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар гарданд. Инчунин натиҷаҳои тадқиқоти илмии мазкур барои татбиқи амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович - «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат), мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионии «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович 12 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 4,1 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 6- тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, аз чоп баромаданд, ки пурра мухтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

**Апробатсия ва ҷори намудани натиҷаи таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмию амалӣ миёни олимони ҷавон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2017-2023), Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2017-2019), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (солҳои 2017-2023) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои дигари илмӣ ва амалии таҳқиқот дар ҷараёни тадриси фанҳои менеҷмент, менеҷменти инноватсионӣ, идоракунии

кадрҳо, иқтисодиёти меҳнат ва менеҷменти кадрӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар муайян намудани самтҳои такмили механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар марҳилаи муосир, таҳлилу арзёбии тамоюли вазъи муосири ҳавасмандгардонии меҳнат ва иқтидори кадрии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва такмили механизмҳои мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар саҳми худро гузошта, хулоса ва тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИСВАЛИЕВ БАХТИЁР ҶУРАХОНОВИЧ

### А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

[1-М]. Исвалиев, Б.Дж. Влияние социально - экономических факторов на мотивацию кадров высших учебных заведений [Текст] / Б.Дж. Исвалиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. - 2018. - №8. - С.32-36. ISSN 2413-5151.

[2-М]. Исвалиев, Б.Дж. Взаимодействие инструментов, методов и факторов мотивационного процесса в высших учебных заведениях Республики Таджикистан [Текст] / Б.Дж. Исвалиев, И.З. Сарабекова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. – 2019. - №3/2. - С.185-189. ISSN 2413-5151.

[3-М]. Исвалиев, Б.Дж. Современное состояние кадрового обеспечения высших учебных заведений Республики Таджикистан [Текст] / Б.Дж. Исвалиев // Финансово – экономический вестник. – Душанбе. – 2020. - №4(24). - С.188-193. ISSN 2663-0389.

[4-М]. Исвалиев, Б.Дж. Инновация как индикатор экономического роста [Текст] / Б.Дж. Исвалиев, А.К. Курбанов, П.У. Бобомуродов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – Бохтар. - 2021. - №1/3 (89). - С.174-178. ISSN 2663-5534.

[5-М]. Исвалиев, Б.Ҷ. Ҳолати муосири рушди инноватсионии муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҷ. Исвалиев, П.У. Бобомуродов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд. – 2021. - №4 (89). - С.5-12. ISSN 2411-1945.

[6-М]. Исвалиев, Б.Ҷ. Роҳҳои такмилдиҳии механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии

Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҷ. Исвалиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. – 2022. - №2(41). - С.132-139. ISSN 2308-054X.

[7-М]. Исвалиев, Б.Ҷ. Таҷрибаи хориҷии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир [Матн] / Б.Ҷ. Исвалиев, А.К. Қурбонов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе. - 2023. - №4.2(32). - С.130-137. ISSN 2663-0389.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[8-М]. Исвалиев, Б.Ҷ. Механизми мативасияи меҳнати кормандони соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҷ. Исвалиев, И.З. Сарабекова // Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар ҳолат ва дурнамои инкишоф: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ (Душанбе, 15 майи соли 2018). – Душанбе. - 2018. – С. 289.-291.

[9-М]. Исвалиев, Б.Дж. Мотивация, основные понятия и определения [Текст] / Б.Дж. Исвалиев // Роль информационных технологий в совершенствовании государственного управления экономикой материалы республиканской научно-практической конференции (г.Душанбе, 29 ноября 2018 года). –Душанбе. -2018г. – С. 36.-39.

[10-М]. Исвалиев, Б.Ҷ. Мотиватсия ва самаранокии фаъолияти кормандони муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҷ. Исвалиев // Маводи конференсияи илмӣ - назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба “Солҳои рушди саноат (2022-2026)”. – Душанбе. - 2022. – С. 184.-186.

[11-М]. Исвалиев, Б.Дж. Механизм управления персоналом ВУЗ с учетом развития современного общества [Текст] / Б.Дж. Исвалиев // Формирование и развитие цифровой экономики в Республике Таджикистан: перспективы и тенденции: сборник материалов республиканской научно – практической коференции, (ТГФЭУ 2022). – Душанбе. – 2022. - – С. 146.-149.

[12-М]. Исвалиев, Б.Ҷ. Танзими давлатии механизми мотиватсионии таъминоти кадрии муассисаҳои олии касбӣ [Матн] / Б.Ҷ. Исвалиев, А.К. Қурбонов // Идоракунии давлатӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи илмӣ – назариявии байналмилалӣ, (ш.Душанбе, 25-26- уми ноябри соли 2022). – Душанбе. - 2022. - С.9-14.

Баъд аз таҳлил ва муҳокимарониҳо

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

Диссертатсияи Исвалиев Бахтиёр Ҷурахонович дар мавзуи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои

дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат) кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Исвалиев Б.Ҷ. дар мавзӯи «Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051900 – Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат (6D051901 - Иқтисодиёти меҳнат) бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкор ва пешниҳодгардида аз ҷониби муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ ба экспертизаи навбатии назди Шурои диссертатсионии пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 23 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 17 нафар, аз онҳо бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор 2 нафар.

«тарафдор» - 17 нафар,
«муқобил» - нест,
«бетараф» - нест,

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои менеҷмент ва маркетинг ва идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз “23” январи соли 2024, суратмаҷлиси №6 қабул ва тасдиқ гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.и., дотсент, и.в. мудири кафедраи
менеҷмент ва маркетинги
факултети иқтисод ва идораи ДМТ **Қ.А. Содиқов**

**Котиб:**
доктори фалсафа (PhD), дотсенти
кафедраи идоракунии захираҳои
инсонии факултети иқтисод
ва идораи ДМТ **Н.С. Саъдуллозода**

Имзоҳои Қ.А. Содиқов ва
Н.С. Саъдуллозодаро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ **Э.Ш. Тавқиев**
«___»____________ 2024с.